**Қ А Р О Р И**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№38**

**аз 23 ноябри соли 2012** **шаҳри Душанбе**

# Дар бораи таҷрибаи судӣ доир ба баррасии парвандаҳои марбут ба тасарруф ва гардиши ғайриқонунии силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда, воситаҳои таркиш, ҳамчунин маҳлулҳои оташангез ва моддаҳои зуддаргиранда, ки барои ба сифати силоҳ истифода бурдан таъинанд ё мувофиқ карда шудаанд, инчунин воситаи дигари марговар ва маводи тарфгарӣ (пиротехникӣ).

***(бо тағйироте, ки бо қарори Пленум аз 14 июни соли 2013, №7 ворид карда шудааст)***

Бо мақсади таъмини дуруст ва якхелаи татбиқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КҶ), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи силоҳ» аз аз 19 марти соли 2013 бо тағйиру иловаҳо ба онҳо, ки ҷавобгариро барои ғайриқонунӣ соҳиб шудан, ба дигарон додан, ба соҳибияти каси дигар додан, нигоҳ доштан, интиқол додан ё бо худ гирифта гаштани силоҳи оташфишон, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ё воситаҳои таркиш, ҳамчунин маҳлулҳои оташангез ва моддаҳои зуддаргиранда, ки барои ба сифати силоҳ истифода бурдан таъинанд ё мувофиқ карда шудаанд, инчунин ғайриқонунӣ расонидан, ҷойгир намудан, ба кор андохтан ё таркондани воситаи тарканда ё воситаи дигари марговар, ғайриқонунӣ сохтани силоҳ, нигаҳдошти бепарвоёнаи силоҳ, иҷрои номатлуби вазифаи ҳифзи силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ё воситаҳои таркиш ва тасарруфи онҳо, муомилоти ғайриқонунии маводи тарфгарӣ (пиротехникӣ) пешбинӣ мекунанд, дар асоси моддаи 27-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳуриии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,-

**Қ А Р О Р  К А Р Д:**

1. Диққати мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд, судяҳо ба он ҷалб карда шавад, ки таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва баррасии саривақтӣ, қонунию асоснокии парвандаҳои марбут ба ғайриқонунӣ соҳиб шудан, ба дигарон додан, ба соҳибияти каси дигар додан, нигоҳ доштан, интиқол додан ё бо худ гирифта гаштан, сохтан, нигаҳдошти бепарвоёна, иҷрои номатлуби вазифаи ҳифз, инчунин тасарруфи силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ё воситаҳои таркиш, ҳамчунин маҳлулҳои оташангез ва моддаҳои зуддаргиранда, ки барои ба сифати силоҳ истифода бурдан таъинанд ё мувофиқ карда шудаанд, инчунин воситаи дигари марговар ва маводи тарфгарӣ (пиротехникӣ) таъмин намуда, сифати пешбурди таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва мурофиаҳои судиро баланд бардошта, чораҳои бо қонун муқарраргардидаро барои муайян намудани манбаъҳо ва роҳҳои ғайриқонунӣ соҳиб шудани силоҳи оташфишон, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ё воситаҳои таркиш, инчунин дигар сабабу шароитҳоеро, ки барои содиршавии ҷиноятҳои мазкур мусоидат намудаанд, андешанд.

2. Бояд дар назар дошт, ки масъалаи дар ҳаракатҳои шахс ҷой доштани аломатҳои таркиби ҷиноятҳои дар моддаҳои 195, $195^{1}$, 196, 197, 198, 199 ва $199^{1-}$ и КҶ пешбинишударо ҳал намуда, мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд, судяҳо бояд онро муайян кунанд, ки оё предметҳои аз шахс гирифташуда ба силоҳи оташфишон, қисмҳои асосӣ ё қисмҳои комплектии (пуркунандаи) он, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ё воситаҳои таркиш, воситаи дигари марговар ва маводи тарфгарӣ (пиротехникӣ), ки қонунгузор барои ғайриқонунӣ соҳиб шудан, ба дигарон додан, ба соҳибияти каси дигар додан, нигоҳ доштан, интиқол додан ё бо худ гирифта гаштан, сохтан,

нигоҳдошти бепарвоёна, иҷрои номатлуби вазифаи ҳифз, инчунин тасарруфи онҳо ҷавобгариро муқаррар намудааст, мансуб мебошанд ё не.

Ҳамчунин, дар ин маврид бояд мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд, судяҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи силоҳ"-ро, ки дар он қоидаҳои асосии танзими муносибатҳое, ки ҳангоми муомилоти силоҳ ва лавозимоти ҷангии онҳо ба амал меоянд, ҳуқуқ ва вазифаҳои иштирокчиёни ин муносибатҳо муқаррар карда шудаанд, ба роҳбарӣ гиранд.

Барои муайян намудани масъалаи оё предметҳое, ки гунаҳгор ғайриқонунӣ соҳиб шудааст, ба дигарон додааст, ба соҳибияти каси дигар додааст, нигоҳ доштааст, интиқол додааст, бо худ гирифта гаштааст, тайёр ё тасарруф кардааст, силоҳу лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ё воситаҳои таркиш, ҳамчунин маҳлулҳои оташангез ва моддаҳои зуддаргиранда, ки барои ба сифати силоҳ истифода бурдан таъинанд ё мувофиқ карда шудаанд, инчунин воситаи дигари марговар ва маводи тарфгарӣ (пиротехникӣ) мебошад ё не, оид ба парванда гузаронидани экспертизаҳои баллистикӣ, кимиёвӣ, трассологӣ ва ғайраҳо ҳатмӣ мебошанд.

3. Мувофиқи талаботи моддаи 1-и Қонун Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи силоҳ» таҳти мафҳуми силоҳ- васила ва ашёе, ки амалан барои зарба задан ба ҳадафи зинда ё нишони дигар, додани ишораҳо (сигналҳо) таъин шудаанд, инчунин қисмҳои асосии силоҳ, ки вазифаи онро муайян месозанд, фаҳмида мешавад.

Қисмҳои асосии силоҳи оташфишон-мил кулангдон, тирдон, чаҳорчуба, қутии мил ва дигар ҷузъҳои силоҳ, агар онҳо дар якҷоягӣ барои тир паррондан имконият диҳанд, мебошанд.

Зери мафҳуми қисмҳои комплектии (пуркунандаи) он, ки дар моддаҳои 195 ва 199-и КҶ пешбинӣ шудаанд бояд ҳам қисмҳои асосии силоҳи оташфишон ва ҳам дигар қисмҳои конструктивие, ки барои таъмини истифодабарии намудҳои мушаххаси силоҳи оташфишон пешбинӣ шудаанд, фаҳмида шавад.

Силоҳи оташфишон ва сард, ҳамчунин лавозимоти ҷангӣ, тирҳо ва воситаҳои таркиш метавонанд ба тариқи саноатӣ истеҳсолшуда ё худсоз бошанд.

4. Мутобиқан бо моддаҳои 195,195[1], 196, 197, 198, 199 ва 199[1-] и КҶ таҳти мафҳуми силоҳи оташфишон ҳамаи намудҳои силоҳи ҷангӣ, хизматӣ ва ғайринизомӣ, аз ҷумла худсоз, ки барои аз масофа бо снаряд ба ҳадаф расонидан таъин шудаасту аз ҳисоби қувваи заряди борут ва ё заряди дигар ҳаракати самтнок гирифтааст, инчунин қисмҳои асосии силоҳ механизми зарбазанак, патрондон, мил фаҳмида мешавад. Ба ин гурӯҳ милтиқҳо, карабинҳо, таппончаҳо ва револверҳо, автомат ва пулемётҳо, миномётҳо, гранатомётҳо, тӯпҳо ва дигар силоҳҳои оташфишон, новобаста аз қутрашон, дохил мешаванд.

Таҳти мафҳуми лавозимоти ҷангӣ-таҷҳизоти аслиҳа, ки барои зарба задан ба ҳадаф ва иҷрои вазифаҳое таъин гардидаанд, ки барои зарба задан ба он мадад мерасонанд ва дорои кулоҳаки тарканда, ҳаводиҳанда, тарфгарӣ (пиротехникӣ), зада баровардан ва ё кулоҳаки якҷояи онҳо мебошанд, фаҳмида шавад. Ба лавозимоти ҷангӣ патронҳои силоҳҳои оташфишон ва газӣ низ дохил мешаванд.

Ба категорияи лавозимоти ҷангӣ тиру тӯп ва минаҳо, зарядҳои таркандаи ҳарбӣ-муҳандисӣ ва минаҳо, гранатаҳои зиддитанкии дастӣ ва реактивӣ, ракетаҳои ҷангӣ, бомбаҳои авиатсионӣ ва ғайраҳо, новобаста аз он ки воситаҳои тарканда доранд ё не ва барои зарба задан ба ҳадаф таъин шудаанд, ҳамчунин ҳамаи намудҳои патронҳо барои силоҳҳои оташфишони гуногун, новобаста аз қутрашон, ки ба тариқи саноатӣ истеҳсол шуда ё худсоз мебошанд, ба истиснои патронҳое, ки қисмҳои ба ҳадаф зарбазаниро надошта бошанд (снаряди-тир, картеч, сочма ва ғайра) ва барои ба ҳадаф зарба задан таъин нашуда бошанд, дохил мешаванд.

Таҳти мафҳуми моддаҳои тарканда таркибҳои химиявӣ ё омехтагиҳои механикии моддаҳо, ки ба мубодилаи тези химиявии худпаҳншаванда-таркиш мусоидат мекунанд, фаҳмида мешавад. Ба инҳо мансубанд: тротил, аммонитҳо, пластитҳо, эластитҳо, борут, сӯзишвории сахт барои ракета ва ғайра.

Таҳти мафҳуми воситаҳои таркиш предметҳое, ки аз моддаҳои тарканда ва воситаҳои махсус иборат буда, аз рӯи сохташон барои ба амал баровардани таркиш таъин шудаанд,

фаҳмида мешавад (запал, детонатор, таркишдиҳанда ва ғайра). Воситаҳои таркиш метавонанд ба тариқи саноатӣ истеҳсол шуда ё худсоз бошанд.

Таҳти мафҳуми воситаи дигари марговар силоҳи зарравӣ, химиявӣ, биологӣ (бактериологӣ) ва дигар намуди силоҳи қатли ом, ҳамчунин мавод ё таҷҳизоте, ки ҳангоми сохтани силоҳи қатли ом истифода шуданашон мумкин аст ё воситае, ки бо усули раҳо, паҳн кардан ё таъсир расонидан бо моддаҳои заҳрноки химиявӣ, агентҳои биологӣ Ё заҳрҳо ва ё моддаҳои ба онҳо монанд ё ин ки радиатсия ё маводи радиоактивии дорои таъиноти расонидан ё қобили расонидан ба марг Ё расонидани зарари вазнин ба саломатӣ ё зарари ҷиддии моддӣ, фаҳмида мешавад.

Таҳти мафҳуми маводи тарфгарӣ (пиротехникӣ) барои оташфаввораҳо истифодашаванда, капсулаҳо барои туфангчаҳои бозича (дар лентаҳо, варақҳо, роликҳо ё ҳалқаҳои гирди пластикӣ печонидашуда) ва ғайраҳо, ҳисобида мешаванд.

Таҳти мафҳуми силоҳи сард бояд силоҳи бо тарзи саноатӣ истеҳсолшуда ё худсоз сохташудае, ки;

- барои зарба задан ба ҳадаф бо ёрии қувваи мушакҳои инсон ҳангоми бархӯрди бевосита бо обекти зарбазани таъин шудаасту аз силоҳи сарди теғдор (ханҷар, кордҳои ҷангӣ, шикорие, ки силоҳ ҳисобида мешаванд; найза-кордҳо; шофҳо; шамшерҳо ва ғайра) дигар силоҳҳои бурранда, халанда поракунанда ё таъсирҳои гуногундошта (найзаҳо, табарҳои ҷангӣ ва ғайра), ҳамчунин силоҳи таъсири бо зарба-поракунанда дошта (кастетҳо, нунчакҳо, кистенҳо ва ғайра) иборат аст;

-ҳаводиҳанда буда, ки барои бо гулулаи аз ҳисоби қувваи мушакҳои инсон (кордҳо ва табарҳои ҳаводиҳанда, найзаҳо ва ғайра) ва ё василаи ҳаракати самтнокгирифта аз масофа ба ҳадаф зарба задан, таъин шудааст (камонғулакҳо ва ғайраҳо), фаҳмида шаванд.

5. Мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки шахс барои ғайриқонунӣ соҳиб шудан, ба соҳибияти каси дигар додан, нигоҳ доштан, интиқол додан ё бо худ гирифта гаштан, сохтан ё тасарруфи намудҳои силоҳи суфтамили шикорие, ки аз гардиши шаҳрвандӣ гирифта нашудаанд, бо моддаҳои 195, 196 ва 199-и КҶ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад. Ҳамзамон, шахс барои кирдори зикргардида, ки бо силоҳи оташфишони шикории дарозии умумиаш камтар аз 800 м.м. буда, дар гардиш манъ карда шуда, сохте дорад, ки онро қат кардан, аз ҷой ҷунбондан, ҷо ба ҷо ё қисм-қисм кардан мумкин бошаду дар баробари ин қобилияти тир паррониаш гум намешавад, алоқамандӣ дорад, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Аз милтиқи шикорӣ сохтани силоҳҳои милбурида, аз ҷумла ҳам суфтамил, ки хусусиятҳои милтиқи шикориро гум мекунад, ҳамчунин ғайриқонунӣ соҳиб шудан, ба дигарон додан, ба соҳибияти каси дигар додан, нигоҳ доштан, интиқол додан ё бо худ гирифта гаштан ё тасарруфи онҳо таркиби ҷинояти мутаносибан дар моддаҳои 195, 196 ва 199-и КҶ пешбинишударо ташкил мекунад.

Мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки ҷавобгарии ҷиноятии шахс барои ғайриқонунӣ соҳиб шудан, ба дигарон додан, ба соҳибияти каси дигар додан ё гирифта гаштани силоҳи газӣ, ханҷар, корди дудама ё дигар силоҳи сард, аз ҷумла силоҳи ҳаводиҳанда, агар чунин кирдор дар давоми соли баъди татбиқи ҷазои маъмурӣ содир шуда бошад ба вуқӯъ меояд.

Мутобиқи қисми якуми ҳамин модда ҷавобгарии ҷиноятӣ барои кирдорҳои ғайриқонунӣ бо тирҳо танҳо он вақт ба миён меояд, ки шумораи тирҳо то даҳ дона бошад ва агар ин кирдор дар давоми соли баъди татбиқи ҷазои маъмурӣ содир шуда бошад. Барои зиёда аз даҳ дона тир бошад, ҷавобгарии ҷиноятӣ новобаста аз ҷавобгарии маъмурӣ ба миён меояд.

Силоҳи оташфишон (ду адад ва зиёда аз он), лавозимоти ҷангӣ (граната, снаряд ва ғайра ду адад ва зиёда аз он, тир 30 адад ва зиёда аз он), маводи оташангез ва моддаҳои зуддаргиранда (2 литр ва зиёда аз он), ки махсус барои истифода ба сифати силоҳ таъинанд ё мутобиқ карда шудаанд, миқдори калон ҳисоб карда мешавад.

6. Мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки моддаи $195^{1}$-и КҶ ҷавобгарии ҷиноятиро барои ғайриқонунӣ ва қасдона расонидан, ҷойгир намудан, ба кор

андохтан ё таркондани воситаи тарканда ё воситаи дигари марговар дар ҳудуди ҷойҳои дигари истифодаи ҷамъиятӣ, объекти давлатӣ ё ҳукуматӣ, объекти системаи нақлиёти ҷамъиятӣ ё объекти инфрасохтор инчунин, ба тарзе, ки он ба муқобили онҳо равона шуда, боиси хавфи марг ё расонидани зарари вазнин ба саломатии одамон мегардад ё ин ки чунин ҷойҳо, объект ё системаро бағоят хароб сохта, зиёни калони иқтисодӣ мерасонад ё метавонад расонад, пешбинӣ мекунад.

Мувофиқи эзоҳи моддаи мазкур «воситаи тарканда ё воситаи дигари марговар» аз инҳо иборат аст:

а) силоҳи тарканда ё оташбор ё воситае, ки дорои таъиноти расонидан ё қобили расонидан ба марг ё расонидани зарари вазнин ба саломатӣ ё зарари ҷиддии моддӣ мебошад;

б) силоҳ ё воситае, ки бо усули раҳо, паҳн кардан ё таъсир расонидан бо моддаҳои заҳрноки химиявӣ, агентҳои биологӣ Ё заҳрҳо ва ё моддаҳои ба онҳо монанд ё ин ки радиатсия ё маводи радиоактивии дорои таъиноти расонидан ё қобили расонидан ба марг Ё расонидани зарари вазнин ба саломатӣ ё зарари ҷиддии моддӣ мебошад.

7. Таппонча ва револверҳои газӣ, сигналдиҳӣ, спортӣ, сохтмонӣ-васлгарӣ, патронҳои сигналдиҳӣ, равшанкунанда, бетир, газӣ, таълимӣ ва ғайра, ки элементи зарбавӣ (снаряди-тир, сочма, картеч ва ғайра) надоранд ва барои зарба задан ба ҳадаф таъин нашудаанд, инчунин воситаҳои сунъии-оташбозӣ ва равшанкунӣ, ки воситаҳо ва омехтагиҳои тарканда надоранд, ба силоҳи оташфишон, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ё воситаҳои таркиш, ки барои ғайриқонунӣ соҳиб шудан, ба дигарон додан, ба соҳибияти каси дигар додан, нигоҳ доштан, интиқол додан, бо худ гирифта гаштан, тасарруфи онҳо дар моддаҳои 195, 196 ва 199-и КҶ ҷавобгарӣ  пешбинӣ шудааст,  таркиби ҷиноятро ташкил намедиҳад.

8. Мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд, судяҳо бояд ба инобат гиранд, ки мувофиқи қонун ҷавобгарӣ бо моддаҳои 195, 195[1], 196, 199 ва 199[1]-и КҶ дар ҳолатҳои ғайриқонунӣ соҳиб шудан, ба дигарон додан, ба соҳибияти каси дигар додан, нигоҳ доштан, интиқол додан ё бо худ гирифта гаштан ё тасарруфи механизмҳои таркандаи гуногун, ки аз воситаҳои тарканда ва механизмҳои махсуси аз рӯи сохташон барои амалӣ кардани таркиш пешбинӣ шудаанд, моддаи дигари марговар низ фаро мерасад.

9. Мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, суд, судяҳо бояд ба назар гиранд, ки таҳти мафҳуми ғайриқонунӣ соҳиб шудани силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ё воситаҳои таркиш, воситаи дигари марговар ва маводи тарфгарӣ (пиротехникӣ) харидан, ҳамчун тӯҳфа ё барои пардохти қарз, бар ивази маҳсулот гирифтани онҳо, азхуд намудани предмети ёфташуда ва ғайра фаҳмида мешавад.

Ба мафҳуми ғайриқонунӣ ба дигарон додан аз ҷониби шахс ба ихтиёри дигар кас додани (масалан, барои нигоҳ доштан, муваққатан истифода бурдан ва ғайра) силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ё воситаҳои таркиш, воситаи дигари марговар, маводи тарфгарӣ (пиротехникӣ) дохил мешавад.

Таҳти мафҳуми ғайриқонунӣ ба соҳибияти каси дигар додани силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ё воситаҳои таркиш, воситаи дигари марговар, маводи тарфгарӣ (пиротехникӣ) фурӯхтан, тӯҳфа додан, иваз кардан, ҳамчун пардохти қарз ё барои истифодаи муваққатӣ додани онҳо ва ғайра дониста мешавад.

Таҳти мафҳуми ғайриқонунӣ нигоҳ доштани силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ё воситаҳои таркиш, воситаи дигари марговар, маводи тарфгарӣ (пиротехникӣ) бояд дар бино, махфигоҳ, ҳамчунин дар дигар ҷойҳо будани ашёи зикргардида, ки амнияти онҳоро таъмин мекунанд, ҳисобида шавад.

Дар воситаи нақлиёти шахси гунаҳгор дарёфт кардани силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ё воситаҳои таркиш, воситаи дигари марговар, маводи тарфгарӣ (пиротехникӣ), ки бе иҷозати дахлдор мебошанд, ҳаракатҳои ӯ бояд ҳамчун ғайриқонунӣ нигоҳ доштан ё бо худ гирифта гаштан, вобаста аз ҳолатҳои мушаххаси кор, банду баст карда шаванд.

Таҳти мафҳуми ғайриқонунӣ интиқол додани силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ё воситаҳои таркиш, воситаи дигари марговар, маводи тарфгарӣ (пиротехникӣ) бояд аз як ҷой ба ҷои дигар бо истифода аз ҳамагуна воситаҳои нақлиёт (боркаш, мусофиркашонӣ ва

дигар воситаҳо) бо ҳама гуна мақсад (барои зарурати шахсӣ, аз рӯи шартнома, бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан ва ғайра) гузаронидани онҳо, фаҳмида шавад.

Таҳти мафҳуми ғайриқонунӣ бо худ гирифта гаштани силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ё воситаҳои таркиш, воситаи дигари марговар, маводи тарфгарӣ (пиротехникӣ) бояд дар либос ё бевосита дар бадани айбдоршаванда будани онҳо, ё тавассути борхалта, ҷузвкаш ва ғайра бурдани онҳо, фаҳмида шавад.

10. Мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, суд, судяҳо бояд ба инобат гиранд, ки зери мафҳуми ғайриқонунӣ сохтани силоҳи оташфишон, қисмҳои такмилкунандаи онҳо, ҳамчунин ғайриқонунӣ сохтани лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ё воситаҳои таркиш, воситаи дигари марговар, маводи тарфгарӣ (пиротехникӣ), ки барои ин ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст, бояд сохтан, инчунин азнавсозии баъзе аз предметҳо (масалан: таппончаҳои мушакандоз, газӣ, пилагӣ (стартовый) ва сохтмонӣ-васлгарӣ), ки дар натиҷа онҳо хусусияти силоҳи оташфишон, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ё воситаҳои таркишро пайдо мекунанд, дониста мешавад.

Таҳти мафҳуми ғайриқонунӣ таъмир кардани силоҳи оташфишон, қисмҳои такмилкунандаи онҳо, бояд барқарор намудани хусусиятҳои гумкардаи зарбазании ашёи зикргардида, ки дар натиҷа онҳоро аз рӯи таъиноташон истифода бурдан мумкин аст, фаҳмида шавад.

11. Таҳти мафҳуми нигоҳдошти беparвоёнаи силоҳи оташфишон, ки барои онро истифода бурдани шахси дигар шароит фароҳам овардааст, аз ҷониби шахсе, ки силоҳро қонунан ихтиёрдорӣ мекунад, наандешидани чораҳои зарурӣ барои он ки имконияти ба силоҳ наздик шудани дигар шахс истисно карда шавад (масалан, бе назорат мондани силоҳ, дар ҷойҳои ба дигарон дастрас мондани силоҳ ва ғайра), эътироф мешавад.

Нигоҳдошти бепарвоёнаи силоҳи оташфишоне, ки ғайриқонунӣ дар дасти гунаҳгор буда, ин барои онро истифода бурдани шахси дигар ва боиси оқибатҳои вазнин гардидан шароит фароҳам оварда бошад, бо аломатҳои моддаҳои 195, 196-и КҶ банду баст карда шуда, бо моддаи 197-и КҶ банду басти иловагӣ зарурият надорад.

12. Мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, суд, судяҳо бояд ба инобат гиранд, ки таҳти мафҳуми оқибатҳои вазнин, ки дар моддаи 197-и КҶ нишон дода шудааст, бояд аз ҷониби шахсе, ки силоҳро истифода бурдааст, ба марг расонидан, расонидани зарари вазнин ё миёна ба саломатии дигар одам, содир намудани худкушӣ, ба амал овардани садамаи оташнишонӣ, ки боиси фавти одамон гардида бошад ва ғайра фаҳмида мешавад. Барои содир намудани ҷиноят аз тарафи дигар шахс истифода бурда шудани силоҳ низ ҳамчун оқибатҳои вазнин фаҳмида мешавад.

13. Субъекти ҷинояти дар моддаи 197-и КҶ пешбинишуда ҳама гуна шахси воқеӣ, ки силоҳро қонунан ихтиёрдорӣ мекунад, мебошад.

Субъекти ҷинояти дар моддаҳои 195, 195[1] 196 ва 199[1-и] КҶ пешбинишуда шахсе, ки дар вақти содир намудани ҷиноят ба синни 16-солагӣ расидааст, мебошад.

14. Мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, суд, судяҳо бояд ба инобат гиранд, ки ҷавобгарӣ бо моддаҳои 195, 195[1], 196, 199 ва 199[1-] иКҶ барои гардиши ғайриқонунӣ ё тасарруфи на танҳо воситаи силоҳи барои истифода омода, воситаи дигари марговар, маводи тарфгарӣ (пиротехникӣ), балки силоҳи носоз ё таълимӣ, воситаи дигари марговар, маводи тарфгарӣ (пиротехникӣ), ки гунаҳгор ният ва имконияти ҳақиқии ба ҳолати коршоям овардани онро дошт, низ фаро мерасад.

Агар гунаҳгор силоҳи оташфишон, қисмҳои такмилкунандаи он, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ё воситаҳои таркиш, воситаи дигари марговар, маводи тарфгарӣ (пиротехникӣ)-и барои истифодабарӣ носозро тасарруф намуда, дар бораи сифати он гумроҳ шуда, гумон карда бошад, ки он коршоям аст, ин кирдор бояд ҳамчун сӯиқасд ба тасарруфи силоҳи оташфишон, қисмҳои такмилкунандаи он, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ё воситаҳои таркиш, воситаи дигари марговар, маводи тарфгарӣ (пиротехникӣ) бо қисми 3 моддаи 32, моддаи 199-и КҶ банду баст карда шавад.

15. Мувофиқи қонун таҳти мафҳуми тасарруфи силоҳи оташфишон, қисмҳои такмилкунандаи он, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ё воситаҳои таркиш ва силоҳи зарравӣ, химиявӣ, биологӣ (бактериологӣ) ва дигар намуди силоҳи қатли ом, ҳамчунин мавод ё таҷҳизотҳое, ки ҳангоми сохтани силоҳи қатли ом истифода шуданашон мумкин аст ғайриқонунӣ, боғараз, ройгон гирифтан ва (ё) ситонидани предмети зикршуда ба фоидаи гунаҳгор ё дигар шахс фаҳмида мешавад.

Дар ҳолатҳои тасарруфи силоҳи оташфишон, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ё воситаҳои таркиш, воситаи дигари марговар, маводи тарфгарӣ (пиротехникӣ) ва силоҳи зарравӣ, химиявӣ, биологӣ (бактериологӣ) ва дигар намуди силоҳи қатли ом, ҳамчунин мавод ё таҷҳизотҳое, ки ҳангоми сохтани силоҳи қатли ом истифода шуданашон мумкин аст, ҳам аз корхонаҳо ё ташкилотҳои давлатӣ ё ғайридавлатӣ ва ҳам аз шаҳрвандони алоҳида, ки онҳоро қонунӣ ё ғайриқонунӣ ихтиёрдорӣ мекунанд, ҷавобгарии ҷиноятӣ бо моддаи 199-и КҶ фаро мерасад.

16. Мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки тасарруфи силоҳи оташфишон, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ё воситаҳои таркиш, воситаи дигари марговар, маводи тарфгарӣ (пиротехникӣ) дар шакли дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ, азонихудкунӣ, исрофкорӣ, сӯиистифода аз ваколатҳои мансабӣ, роҳзанӣ ва тамаъҷӯӣ содир шуданашон мумкин аст.

17. Тасарруфи силоҳи оташфишон, қисмҳои такмилкунандаи он, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ё воситаҳои таркиш, воситаи дигари марговар бо роҳи ҳуҷуми роҳзанона, аз лаҳзаи ҳуҷум бо мақсади аз тарафи гунаҳгор азхуд намудани ин предметҳо, ки бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатии ҷабрдида хавфнок ё бо таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ алоқаманд аст, хотимаёфта ҳисобида мешавад.

18. Дар ҳолатҳое, ки ҳангоми бо мақсади соҳиб шудани силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ё воситаҳои таркиш, воситаи дигари марговар қисмҳои таркибӣ ё қисмҳои такмилкунандаи онҳо, ки барои ҷамъ кардани силоҳ ё лавозимоти ҷангии барои истифода коршоям кофӣ бошанд, тасарруф шуда бошанд, кирдори содиршуда бояд чун ҷинояти хотимаёфта бо моддаи 199-и КҶ банду баст карда шавад. Дар баробари ин таҳти мафҳуми қисмҳои такмилкунандаи кофии силоҳ, бояд чунин маҷмӯи онҳо фаҳмида шавад, ки бе коркард ва таҷҳизотҳои иловагӣ имконияти тир парронданро дошта бошанд (масалан, мили милтиқ бо механизми зарбазанак-камонак), қисмҳои таркибии такмилкунандаи кофии лавозимоти ҷангӣ бошад, чунин маҷмӯест, ки барои аз рӯи таъиноташ истифода бурда шудани онҳо имконият диҳад.

Тасарруфи қисмҳо ва деталҳои алоҳидаи силоҳи оташфишон ҳангоми муқаррар намудани қасди истифодаи онҳо дар якҷоягӣ бо деталҳои намерасидагии ба таври иловагӣ тайёркарда барои ҷамъ кардани силоҳи барои парронда коршоям, бояд чун сӯиқасд ба тасарруфи силоҳи оташфишон бо моддаҳои 32 ва 199-и КҶ ва нисбати шахсе, ки силоҳро сохтааст, инчунин бо моддаи 196-и КҶ чун ғайриқонунӣ сохтани силоҳ аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо банду баст карда шавад.

Нигоҳ доштани деталҳои алоҳида ҳангоми дар кирдори шахс набудани қасди истифодаи онҳо барои сохтани силоҳ, таркиби ҷиноятро ташкил намедиҳад.

Тасарруфи қисмҳо ва деталҳои алоҳидаи лавозимоти ҷангие, ки дар таркибашон моддаҳои тарканда (запалҳо, детонаторҳо, таркишдиҳандаҳо ва ғайра) доранд, бояд бо моддаи 199-и КҶ чун тасарруфи хотимаёфтаи моддаҳои тарканда банду баст карда шавад.

19. Субъекти ҷинояти дар моддаи 199-и КҶ пешбинишуда шахсе мебошад, ки дар вақти содир намудани ҷиноят ба синни 14-солагӣ расидааст, ҳамчунин шахсест, ки силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ё воситаҳои таркиш аз рӯи мақоми хизматиаш ба ӯ бовар карда супурда шудааст (масалан, тасарруф бо роҳи азонихудкунӣ).

20. Ҷиноятҳои дар моддаҳои 195, $195^1$, 196, 199 ва $199^{1\text{-и}}$ КҶ пешбинишуда танҳо бо қасди бевосита содир шуданашон мумкин аст. Ҷинояти дар моддаи 197-и КҶ пешбинишуда бошад, аз беэҳтиётӣ содир мешавад.

21. Ҷиноятҳое, ки бо моддаҳои 195 ва 196-и КҶ пешбинӣ шудаанд, дар ҳамон ҳолат такроран содиршуда эътироф карда мешаванд, ки агар шахс қаблан ҷиноятҳои мазкурро содир

намуда бошад.

Тасарруфи силоҳи оташфишон, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ё воситаҳои таркиш ҳамон вақт такроран донista мешавад, агар қаблан шахс ҷинояти мазкур ё ҷиноятҳои дар моддаҳои 186, 194, 202, 244-251-и КҶ пешбинишударо, новобаста аз он, ки барои он маҳкум шудааст ё не, содир намуда бошад.

22. Кирдорҳои шахсро бо аломатҳои аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир намудани ҷинояти дар моддаҳои 195, 196 ва 199-и КҶ пешбинишуда, танҳо дар ҳолати бо шартҳои дар моддаи 39-и КҶ нишон дода, банду баст намудан мумкин аст.

23. Аломати бандубасткунандаи дар моддаи 199-и КҶ пешбинишуда, яъне тасарруфи силоҳи оташфишон, қисмҳои такмилкунандаи он, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ё воситаҳои таркиш, ки аз ҷониби шахс бо истифода аз мақоми хизматӣ содир шудааст, бояд аз ҷониби шахс тасарруф намудани онҳо, ки ба ӯ шахсан ва ба мӯҳлати муайян барои иҷрои вазифаҳои махсус (посбонӣ, милитсионери дидбонгоҳ, дарбонӣ ё инкассаторӣ ҳангоми аз ҷониби онҳо иҷро намудани вазифаҳои хизматӣ ва ғайра) дода шудаанд, инчунин аз анборҳо ё аз дигар ҷои нигоҳдории онҳо, на танҳо аз ҷониби шахси иҷрокунандаи вазифаҳои посбонӣ-қаровулӣ, балки ҳамчунин аз ҷониби шахси мансабдор ва ҷавобгарии моддидошта, ки ин предметҳо аз рӯи мақоми хизматиаш дар ихтиёри ӯ буданд, донista шаванд.

24.Моддаи 199[1-] и КҶ ҷавобгарии ҷиноятиро барои муомилоти ғайриқонунии маводи тарфгарӣ (пиротехникӣ) пешбинӣ менамояд.

Мувофиқи эзоҳи ҳамин модда таҳти мафҳуми ба миқдори начандон калон аз бист то сад адад маводи тарфгарии (пиротехникӣ) барои оташфавворахо истифодашаванда, аз панҷоҳ то дусад адад бозичаҳои оташбозӣ ба монанди капсулаҳо барои туфангчаҳои бозича (дар лентаҳо, варақҳо, роликҳо ё ҳалқаҳои гирди пластикӣ печонидашуда), ба миқдори калон зиёда аз сад адад маводи тарфгарии (пиротехникӣ) барои оташфавворахо, зиёда аз дусад адад бозичаҳои оташбозӣ ба монанди капсулаҳо барои туфангчаҳои бозича (дар лентаҳо, варақҳо, роликҳо ё ҳалқаҳои гирди пластикӣ печонидашуда) фаҳмида мешавад.

25. Кирдор бо аломати дар ҳолати ретсидиви хавфнок ё махсусан хавфнок содир намудани ҷиноят, ки дар моддаҳои 196 ва 199-и КҶ нишон дода шудааст, танҳо бо шартҳои дар моддаи 21-и КҶ пешбинишуда, банду баст карда мешавад.

26. Бо назардошти он ки ғайриқонунӣ соҳиб шудан, ба дигарон додан, ба соҳибияти каси дигар додан, нигоҳ доштан, интиқол додан ё бо худ гирифта гаштани силоҳи оташфишон, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ё воситаҳои таркиш, воситаи дигари марговар, ҳамчунин маҳлӯлҳои оташангез ва моддаҳои зуддаргиранда, ки барои ба сифати силоҳ истифода бурдан таъинанд ё мувофиқ карда шудаанд, инчунин ғайриқонунӣ сохтан ё таъмир кардани силоҳи оташфишон, қисмҳои такмилкунандаи онҳо, ҳамчунин ғайриқонунӣ сохтани лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ё воситаҳои таркиш, воситаи дигари марговар ва маводи тарфгарӣ (пиротехникӣ) ҷиноятҳои мустақил буда, тасарруфи предмети номбурда ва баъдан ба дигарон додан, ба соҳибияти каси дигар додан ё бо худ гирифта гаштани онҳо маҷмӯи воқеии ҷиноятҳои дар моддаҳои 195, 195[1], 196, 199 ва 199[1-и] КҶ пешбинишударо ташкил мекунанд.

27. Дар ҳолатҳои тасарруфи силоҳи оташфишон, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ё воситаҳои таркиш, ҳамчунин соҳиб шудан, ба дигарон додан, ба соҳибияти каси дигар додан, нигоҳ доштан, интиқол додан ё бо худ гирифта гаштан ва сохтан бо мақсади содир кардани ҷинояти дигар, кирдори содиршуда бояд барои содир кардани ҷиноятҳои дигар аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо чун тасарруфи хотимаёфтаи силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ё воситаҳои таркиш ё ғайриқонунӣ соҳиб шудан, ба дигарон додан, ба соҳибияти каси дигар додан, нигоҳ доштан, интиқол додан ё бо худ гирифта гаштан ё сохтан ва тайёрӣ банду баст карда мешавад.

28. Мувофиқи эзоҳи моддаи 195-и КҶ, шахсе, ки ихтиёрӣ предметҳои дар моддаи мазкур номбурдашударо месупорад, агар дар кирдори ӯ дигар таркиби ҷиноят мавҷуд набошад, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад.

Таҳти мафҳуми ихтиёрӣ супоридани силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ё воситаҳои таркиш, ки тибқи эзоҳи моддаҳои 195, 196-и КҶ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда

мешавад, бояд аз ҷониби шахс бо хоҳиши худ супоридани предметҳои қайдшуда новобаста аз сабабҳояш, фаҳмида шавад.

Оид ба ихтиёрӣ супоридани силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ё воситаҳои таркиш метавонад факти ба мақомоти ҳокимият додани онҳо ё дар бораи ҷои буду боши онҳо хабар додан, дар ҳолати ҷой доштани имконияти ҳақиқии дар оянда нигоҳ доштани онҳо, шаҳодат диҳад.

Дар сурати ихтиёрӣ супоридани предмети қайдгардида шахсоне аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешаванд, ки ин предметро ғайриқонунӣ бе иҷозати дахлдор нигоҳ доштаанд, ҳамчунин соҳиб шудаанд, сохтаанд ё гирифта гаштаанд.

29.Суд, судяҳо дар вақти баҳо додани дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии кирдори содиргардида ва таъини ҷазо бояд мақсад ва ангезаи ҳаракатҳои гунаҳгор, сарчашма ва тарзи соҳиб шудан, намуд, миқдор, хусусиятҳои ҷангӣ ва арзиши силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ё воситаҳои таркиши тасарруфшударо ба инобат гиранд.

Ҳангоми таъини ҷазо барои тасарруфи силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда, воситаҳои таркиш ё воситаи дигари марговар, ки бо истифода аз шароити вазъияти фалокатҳои ҷамъиятӣ содир гардидааст, судҳо ин ҳолатҳоро тибқи банди «м» моддаи 62-и КҶ ҳамчун ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷазо ба инобат гиранд.

30. Суд, судяҳо бояд ба ошкор ва бартараф намудани сабабу шароитҳое, ки ба тасарруфи силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда, воситаҳои таркиш ё воситаи дигари марговар мусоидат намудаанд, бештар диққат дода, тибқи муқаррароти Қонун бо роҳи баровардани таъинотҳои (қарорҳои) хусусӣ ба ҳар як ҳолати муносибати бепарвоёнаи нигаҳдошти силоҳ аз ҷониби шахсони мансабдоре, ки аз рӯи хизматашон ба онҳо бовар карда супурда шудааст, бе посбон ё таҷҳизоти зарурӣ монондани ҷойҳои нигаҳдошти силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда, воситаҳои таркиш ё воситаи дигари марговар, вайрон кардани тартиби бақайдгирӣ, додан, интиқол, истифода ва татбиқи нодурусти онҳо таваҷҷӯҳ зоҳир намоянд.

31. Ба судҳои марҳилаҳои кассатсионӣ ва назоратӣ лозим аст, ки дурустии татбиқ намудани қонунгузориро бо парвандаҳои оиди гардиши ғайриқонунии силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда, воситаҳои таркиш ё воситаи дигари марговар, ҳамчунин маҳлулҳои оташангез ва моддаҳои зуддаргиранда, ки барои ба сифати силоҳ истифода бурдан таъинанд ё мувофиқ карда шудаанд ва маводи тарфгарӣ (пиротехникӣ) аз тарафи судҳои марҳилаи якум ба таври дақиқ санҷида, ба ҳар як ҳолати риоя нагардидани қонун эътибори ҷиддӣ дода, барои бартараф намудани камбудиҳо чораҳо андешанд.

32. Ба суд, судяҳо зарур аст, ки мунтазам таҷрибаи баррасии парвандаҳои категорияҳои дар боло зикршударо омӯхта, ҷамъбаст намоянд ва дар ҳолати ҷой доштани асосҳо ба ташкилотҳои дахлдор ва шахсони мансабдор барои чора андешидан ҷиҳати пешгирӣ намудани ҷиноятҳои марбут ба силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда, воситаҳои таркиш ё воситаи дигари марговар, ҳамчунин маҳлулҳои оташангез ва моддаҳои зуддаргиранда, ки барои ба сифати силоҳ истифода бурдан таъинанд ё мувофиқ карда шудаанд ва маводи тарфгарӣ (пиротехникӣ) пешниҳодҳо ирсол намоянд.

33. Бинобар қабул шудани Қарори мазкур, Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи судӣ доир ба парвандаҳои марбут ба тасарруф ва гардиши ғайриқонунии яроқ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ва воситаҳои таркиш» аз 2 октябри соли 2003, №19 аз эътибор соқит дониста шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Н.Абдуллоев**

**Котиби Пленум,**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **М.Саидов**